# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи: **«Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии руди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ

Дар доираи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2016-2030 яке аз самтҳои афзалиятнок омӯзиши равандҳои геологии экзогенӣ, пеш аз ҳама ярчҳо, ки ҳамасола ба иқтисодиёти кишвар дараҷаҳои гуногун хисорот меоранд, ба ҳисоб меравад. Пешгӯии равандҳои лағзиш яке аз масъалаҳои мураккаби геологияи муҳандисӣ мебошад, ки дар кори илмии пешниҳодгашта баррасӣ мешавад.

Рисолаи Ёқубзода Ш. А. ба омӯзиши қонуниятҳои фазоии ҳодисаҳои ярч дар водии руди Сурхоб ва муайян кардани робитаи ярч ва заминҷунбӣ бахшида шудааст. Бо дарназардошти он, ки минтақаи тадқиқот яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати сейсмикӣ фаъолтарин дар Тоҷикистон ба шумор меравад, ин мавзӯъ хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Реферат тавсири мухтасари натиҷаҳои асосии рисола мебошад, ки аз муқаддима, чор боб, хулоса бо тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати истинодҳо иборат аст.

Дар кори илмӣ мақсад ва вазифаҳои тадқиқот оварда шуда, ба хамаи муқаррароти ҳифзшаванда тавсиф дода шудааст. Асосноккунии муқароротҳо бо ҷадвалҳо, моделҳо ва графикҳо дастгирӣ карда мешаванд, ки ба кас имкон медиҳад миқёс ва сифати баланди кори иҷрошударо арзёбӣ кунад.

Навоварии илмии тадқиқот дар он аст, ки муаллиф дар он усули таҳлили стандартии эҳтимолии хатари сейсмикӣ бо истифода аз барномаҳои муосири САГ бо таъминоти махсуси CRISIS 2015 барои арзёбии эҳтимолияти зуҳурёбии равандҳои ярчӣ дар нишебиҳои кӯҳӣ истифода бурдааст. Нахустин маротиба натиҷаҳои баҳодиҳии хавфи сейсмикии ҳавзаи рӯди Сурхоб, ки аз лиҳози сейсмикӣ фаъолтарин дар қаламрави Тоҷикистон бо истифода аз стандартҳои муосири ҷаҳонӣ, аз ҷумла арзёбии эҳтимолӣ, ба даст оварда шуда, истифода аз он эҳтимолияти ҳодисаҳои ярч дар нишебиҳои ин мавзеъ бо таъсири сейсмикӣ баҳо дода шуданд. Ин имконият дод, ки моделҳои анъанавии детерминистӣ дақиқтар гардонида шуда, усули ҳисобҳои пешгӯии

эҳтимолияти фаъолшавии лағзишҳо дар ҳолатҳои гуногуни таъсири сейсмикӣ асоснок карда шавад.

Харитаҳо ва маводи истифодашуда аз ҷониби довталаб рақамӣ карда шуда, дар асоси натиҷаҳои бадастомада тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ таҳия карда шуданд.

Ба назари ман, номзади рисола мутахассиси салоҳиятдор буда, қодир ба истифода ва таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, истифодаи усулҳои муосири тадқиқот ва технологияҳои GIS мебошад. Тадқиқоти гузаронидашуда барои пешгӯии равандҳои ярч аҳамияти амалӣ ва назариявӣ дорад.

Натиҷаҳо ва усулҳои баҳодиҳии эҳтимолияти бавуҷудоии ярчҳо дар нишебиҳои водии руди Сурхоб вобаста ба таъсри раванди сейсмикӣ бадастомадаро дар банақшагирии сохтмони биноҳо ва иншоотҳо, махсусан дар минтақаҳои кӯҳӣ истифода бурдан мумкин аст, ки ин имкон медиҳад, хавфи офатҳои табиӣ коҳиш дода шавад.

Рисолаи илмӣ дар мавзӯи: «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии руди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ», кори илмии анҷомёфта буда, дар сатҳи хуб иҷро гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Ёқубзода Шокир Абулфайз ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогияаз руи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ сазовор мебошад.

Роҳбари гуруҳи коркарди маъдумотҳои
сейсмологии Институти геология, сохтмони
ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ
номзади илмҳои геология ва минералогия Ҷӯраев Р.У.

Имзои – Ҷураев Раҳимҷон Ӯсманович -ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти геология,
Сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва
сейсмологияи АМИТ Кароматуллои Ю.

11.03.2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 268. телефон: (+992 37) 2217769.